# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатхои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмхои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик**

Ба риштаи таҳқиқи кашидани шарҳҳои осори адабӣ аз муҳимтарин самтҳои пажӯҳишҳои филологӣ ба ҳисоб меравад. Бояд таъкид намуд, ки дар адабиётшиносии мо то имрӯз шурӯҳи осори суханварони форсу тоҷик мавриди таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтаст. Дар шарҳҳои асримиёнагӣ асноде маҳфузанд, ки метавон бо омӯзиш ва ба муомилоти илмӣ кашидани онҳо харфҳои тозаро дар адабиётштносии тоҷик баён намуд.

Рисолаи илмии Султонзода Тоҷибой Султонӣ тахти унвони “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатхои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ” дар самти таҳқиқи шарҳҳо бо хамин максад ба қалам омада, муаллиф ҳамчун адабиётшиноси дақиқназар ва пуркор ҷусторҳои чандинсолаи худро дар таҳқиқи мавзӯи ёдшуда ба шакли рисолаи равишманди илмӣ пешниҳод намудааст. Рисолаи аз нигоҳи аҳамияти илмию адабӣ , шеваи нигориш, усули таҳқиқ, масъалагузорӣ ва навоварӣ арзиши баланди илмӣ дорад.

Ошноӣ ба рисолаи мавриди назар равшан месозад, ки он таҳқиқи тоза ва нав буда, баррасии шахсияти Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва “Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор”-и ӯ ба унвони аввалин шарҳи “Маснавии маънавӣ” гӯшае аз холигоҳи адабиётшиносии тоҷикро пур сохтааст.

Муайян намудани ҳадафҳои таҳқиқ ва вазифагузорӣ дар таҳқиқи мавзӯъ низ ҷиҳати муназзам омадани матолиби мавриди бахс ёрмандӣ намуда, қимати корро афзудааст. Муаллиф дар ин замина ба баррасии сайри таърихии шаҳрнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”, мактабҳои шаҳрнависӣ, анвои шарҳҳо, хусусиятҳои шарҳнигорӣ, мундариҷаву таркиб

ва нақду таҳлили шарҳҳои "Маснавӣ" ва чанд нуктаи дигар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, андешаҳои хешро бо далелҳои қавӣ тақвият бахшидааст.

Ба ин манзур, диссертант дар ибтидо бо омӯзиши муҳимтарин манобеъ, аз қабили "Ҷавоҳир –ул –асрор"- и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ, "Махзан–ул–асрор"-и Валлимуҳамади Акбарободӣ, "Асрор – ул ғуюб"-и Хоҷа Айюби Порсо, "Шарҳи кабир"- и Анқаравӣ ва ғайра заминаҳои таҳқиқи мавзӯъро фароҳам овардааст. Дар ин замина, муаллиф ба умдатарин осори таҳқиқӣ, ки дар робита бо мавзӯъ таълиф гардидаанд, аз дидгоҳи таҳқиқу интиқод нигаристааст. Дар ин замина, перомуни нуқоте аз таҳқиқоти Муҳаммадҷаводи Шариат, ки вобаста ба омӯзиши шахсияти аввалин шореҳи "Маснавии маънавӣ" баён доштааст, инчунин оид ба муайян намудани арзиши шурӯҳи "Маснавии маънавӣ" аз дидгоҳи донишмандони мағрибзамин, ки дар таҳқиқоти муҳаққиқи олмонӣ Аннамари Шиммел зикр гардидааст, изҳори андеша намуда, табаҳҳур ва тафаккури таҳлиливу танқидии хешро нишон додааст.

Аз муҳтавои автореферат равшан мегардда, ки рисола бо усули ҷолиб ва сабки хуби илмӣ навишта шуда, огоҳии комили муаллифро аз усулҳои таҳқиқ ва оини нигориш ошкор месозад.

Дар баробари дастовардҳои хуби илмӣ баъзе нуктаҳое ҳастанд, ки ба инобат гирифтани онҳо бешубҳа арзиши кори Султонзода Тоҷибойро зиёда хоҳад намуд:

1. Дар байни муҳаққиқони русзабон "Маснавии маънавӣ" бештар бо номи "Поэма о скрытом смысле" маъруфият дорад. Аз ин рӯ, дар варианти русии автореферат истифода бурдани номи "Маснавии маънавӣ" ба ҳамон шакли дар забони русӣ пазируфташуда ба мақсад мувофиқ аст.

2. Ба назари мо "Маснавии маънавӣ" дар мактабҳои илмию адабии кишварҳои арабӣ низ мавриди истиқбол қарор гирифтааст. Аз байни тарҷума ва шарҳҳои арабии дастрас, хидмати устодон Муҳаммад

Абдуссалом Кафофӣ ва Иброҳим Дусукӣ шоистаи ёдоварӣ буда, мавриди омӯзишу таҳлил қарор додани онҳо ба манфиати кор мебуд.

Дар интиҳо, бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки рисолаи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ” ҷавобгӯи талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик мебошад.

Доктори илмҳои филология, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славяни) Россия ва Тоҷикистон ____________ Муллоев Шариф Боқиевич

ОТДЕЛ КАДРОВ

Имзои д.и.ф., профессор Муллоев Шариф Боқиевич-ро Тасдиқ мекунам Сардори идораи кадр Донишгоҳи (Славяни) Россия ва Тоҷикистон

Подпись заверяю Муллоева Ш.Б.
Начальник ОК РТСУ
Лавлатов Х.Х. ____________
23.11.2020г.

23.11.2020с.